ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 58
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ:

- **Ифтитоҳии лоиҳаи ташкили курсҳои омӯзишӣ вобаста ба баланд бардоштани мавқеи соҳибкорӣ дар байни масъулони мақомоти давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ**
- **Ҷаласаи 7-уми майдони минтақавии муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар мавзуи «заминаи ҳуқуқӣ дар бахши истифодабарии қаъри замин»**
- **Мизи мудаввар дар мавзуи муаррифии ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ**

# ИФТИТОҲИИ ЛОИҲАИ ТАШКИЛИ КУРСҲОИ ОМӮЗИШӢ ВОБАСТА БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАВҚЕИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАЙНИ МАСЪУЛОНИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Санаи 10 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳии Лоиҳаи ташкили курсҳои омӯзишӣ вобаста ба баланд бардоштани мавқеи соҳибкорӣ дар байни масъулони мақомоти давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ баргузор гардид.

Қобили зикр аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ , Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва ба

меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани он, ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуда, тадбирҳои иловагӣ андешида шуда истодаанд.

Имрӯзҳо бахши хусусӣ мавқеи муҳимро дар иқтисодиёти мамлакат касб намуда, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати мамлакат муқаррар гардидааст.

Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ ва Намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Патрисия Виверс-Картер дар баромади ифтитоҳии худ оид ба моҳият ва зарурати масъалаи омӯзиш ва баланд бардоштани малакаи доираҳои мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон дар самти ҳамкориҳои муштарак ибрози назар намуда, қайд карданд, ки ҳадафи барномаи омӯзиш мусоидат намудан ба рушди бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.



Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Нигина Анварӣ қайд кард, ки дар натиҷаи амалисозии ислоҳот ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД ба 67 фоиз расида, қариб 80 фоизи даромадҳои андоз ба бахши хусусӣ рост меояд ва 65 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар бахши хусусӣ машғуланд. Дар ин замина, ташкил ва гузаронидани курси омӯзишӣ барои масъулони давлатӣ , идомаи мантиқии ислоҳотҳо буда, ҳадаф аз он баланд бардоштани малакаи масъулони мақомоти давлатӣ дар самти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва омӯзонидани масъалаҳои муҳимияти рушди

соҳибкорӣ , рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад.



Дар чорабинӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нуъмон Абдуғаффорзода ва Роҳбари Департаменти Бонки ҷаҳонӣ Бенҷамин Ҳерзберг дар чорабинӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бояд қайд намуд, ки чунин омӯзишҳо дар ин миқёс ва фарогирии мавзӯҳои рӯзмарраву муҳим бори нахуст ташкил карда шуда, он аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси сатҳи байналмилаливу миллӣ гузаронида мешавад.

Изҳори итминон карда шуд, ки татбиқи Лоиҳаи мазкур ва гузаронидани курсҳои омузишӣ барои тақвият бахшидани заминаи фаъолияти соҳибкорӣ , беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва муколамаи давлат ва бахши хусусӣ тавассути баланд бардоштани донишу малакаи зинаи миёнаи масъулони мақомоти давлатӣ ва дар маҷмуъ мустаҳкамшавии муносибатҳои шарикии байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ таконе хоҳад бахшид.

Дар чорабинӣ намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.

# ҶАЛАСАИ 7-УМИ МАЙДОНИ МИНТАҚАВИИ МУКОЛАМАИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР МАВЗУИ «ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАХШИ ИСТИФОДАБАРИИ ҚАЪРИ ЗАМИН»

Санаи 24-25 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 7-уми майдони минтақавии Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар мавзуи «Заминаи ҳуқуқӣ дар бахши истифодабарии қаъри замин» баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии бахши истифодаи қаъри замин мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба масъалаҳои пешниҳодшуда мубодилаи афкор сурат гирифт.




Зимни суханронии ифтитоҳӣ Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ иштирокчиёни чорабиниро хайрамақдам гуфта, баргузории чорабинии мазкур, ҳамчунин тавсиаи ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ миёни кишварҳои минтақаро бозгӯи манфиатҳои судманд арзёбӣ намуд.

Дар чорабинӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нуъмон Абдуғаффорзода иштирок ва суханронӣ намуда, қайд кард, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати

миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла дар бахши истифодабарии қаъри замин ислоҳоти зарурӣ гузаронида шудаанд ва натиҷаҳои он самарабахш мебошанд.

Зикр гардид, ки ҳамчунин дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ як қатор ислоҳотҳои ҷиддӣ гузаронида шудааст. Дар ҷаласаи XIII Шӯро дар доираи ислоҳот мавзуи бахши саноат ва рушди истеҳсолоти ватанӣ пешниҳод гардида, дар самтҳои саноати хӯрокворӣ, маводи сохтмон, саноати сабук ва саноати кӯҳӣ, аз ҷумла истифодабарии қаъри замин таҳлилҳо гузаронида шуд. Вобаста ба он беш аз 100 тавсия ва дар асоси он Нақшаи чорабинии Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳия гардид, ки айни замон барои тасдиқ пешниҳод карда шудааст.

Тавре қайд карда шуд, дар Нақшаи чорабинии мазкур масъалаҳои зерини истифодабарии қаъри замин фаро гирифта шудааст:

- таҳкими раванди гузариш ба меъёрҳои байналмилалии ҳисобот ва муҳосиботи молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба мушаххасгардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои сохторҳое, ки дар соҳаи истифодабарии қаъри замин машғуланд;
- гузаронидани услуби электронии тендерҳо дар соҳаи истифодабарии қаъри замин;
- андешидани тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардониҳои иловагӣ дар раванди баргузории тендерҳо, аз ҷумла нисбат ба сармоягузорони дорои таҷриба ва мавқеи мусбӣ дар ҷумҳурӣ;
- таҳкими раванди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат;

- роҳандозии таҷрибаи пешқадами «Ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ»;

- соддагардонии раванди таъсисдиҳии артелҳо оид ба истихроҷи захираҳои табиӣ аз рӯи услуби худбиёрӣ ва худфаъолияткунӣ.

*Қобили қайд аст, ки бо мақсади амалисозии рушди устувори истифодаи захираҳои табиӣ, фароҳам овардани шароит ва механизми мусоид ҷиҳати ҷалби сармояҳо Барномаи беҳтаргардонии ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии қаъри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 қабул гардида буд.*

*Тавре аз маълумоти расмии омории ҷумҳуриявӣ бармеояд, ҳаҷми ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соҳаи истифодабарии қаъри замин ботадриҷ афзуда, солҳои 2007 – 2015 дар ҷумҳурӣ 765 млн. доллари америкоиро ташкил дода, дар маҷмуъ ҳаҷми умумии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи мазкур солҳои 2011 – 2015-ум 422 фоиз афзудааст. Айни замон, лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қаъри замин ва истифодабарии он» таҳия шуда истодааст.*

Баромадкунандагон аз кишварҳои минтақа оид ба масъалаҳои истифодабарии қаъри замин, ислоҳоти заминаҳои меъёри ҳуқуқӣ, таъмини қонунгузории пешқадам дар соҳа бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ташаккули мақсад ва амалинамоии роҳу услуби гуногун ҷиҳати ноил гардидан ба ба он ибрози назар намуданд.

Дар интиҳои чорабинӣ изҳори итминон карда шуд, ки татбиқи ислоҳот ва чорабиниҳои дигар вобаста ба истифодабарии қаъри замин, баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар кишварҳои минтақа ва ҳамоҳанг намудани он дар доираи кишварҳои минтақа барои

тақвият бахшидани заминаи фаъолияти соҳибкорӣ, беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ мусоидат хоҳад кард.

## МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ МУАРРИФИИ ИСЛОҲОТ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ

Санаи 8 июни соли ҷорӣ дар МД «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» Мизи мудаввар оид ба муаррифӣ намудани ислоҳотҳо ва натиҷаҳои ҷаласаи XVI Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.



Дар ин чорабинӣ намояндагони бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд иштирок намуданд. Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдулмаҷид Муминзод дар баромади ифтитоҳии худ оид ба таваҷҷуҳи хосса ва сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ибрози назар намуда, қайд кард, ки татбиқи ислоҳоти фарогир дар кишвар натиҷаҳои самарабахш дода истодаанд.

Танҳо дар соли 2015 ва 5 моҳи соли 2016 қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ, Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, як қатор тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки дар чорабинӣ аз ҷониби коршиносон ба таври васеъ ба намояндагони бахши хусусӣ муаррифӣ карда шуданд.




Вобаста ба ислоҳот дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла натиҷаҳои ҷаласаи XVI Шӯро Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ, Нуъмон Абдуғаффорзода ибрози назар намуд.

Қайд гардид, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ҷаласаи XVI Шӯро муаррифӣ карда шуд, натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ буда, дар ин самт зиёда аз 100 тавсияҳо ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ омода карда шуд ва дар ин раванд намояндагони бахши хусусӣ фаъолона ширкат намуданд.

Вобаста ба масъалаи муҳими дигар оид ба натиҷаҳои таҳлили мушкилиҳои низоми андозбандӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки дар ҷаласаи XVI Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуд, муовини

Сардори Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Абдулҳаким ба ҳозирин маълумот дод.

Тавре қайд карда шуд, дар ҳуҷҷати мазкур баррасӣ ва дарёфт кардани роҳҳои ҳалли мушкилоти андозӣ, аз ҷумла тавассути таҳлилҳои самаранокии имтиёзҳои андозӣ, санҷишҳо ва ҷаримаҳои андозӣ, механизми муайяни баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда, ҳалли баҳсҳои андозӣ, ҳавасмандкунии соҳибкорон ва фарогирии пурраи онҳо бо андозбандӣ, боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар назар дошта шудааст.

Ҳамчунин дар чорабинӣ оид ба дастгирии устувори ҳамоҳангсозии кумаки беруна ва ҳамкории самаранок баҳри рушд муаррифнома пешниҳод шуд, ки тибқи он то имрӯз дар доираи лоиҳаҳои гуногун кӯмакҳои зиёд амалӣ гардида, идомаи корҳо дар самти мазкур дар назар дошта шудааст.



Дар рафти чорабинӣ миёни иштирокчиён саволу ҷавоб ва мубодилаи афкор сурат гирифта, намояндагони бахши хусусӣ ба саволҳои худ ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

Қобили тазаккур аст, ки имрузҳо дар қатори Шӯрои миллӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инчунин шӯроҳои маҳаллии машваратӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамар намуда истодаанд.

Дар ин раванд, дар анҷоми чорабинӣ, ба котибони шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва

соҳибкории як қатор вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҷмуи воситаҳои техникӣ тақдим карда шуд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии***

***назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***

***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***